**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илми филология, профессор
_________ Гулназарзода Жило Бурӣ
«27» ___07___ соли 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи "Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни "Сафарнома"-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба анҷом расидааст.

**Самиев Ҷумахон Саймуродович** соли 2012 факултети забонҳои Шарқи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода)-ро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Солҳои 2008-2012 ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №93 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, солҳои 2012-2013 котиб-коргузори факултети забонҳои Шарқи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, солҳои 2013-2016 муовини директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №72-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, солҳои 2016-2017 мушовири Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ»-и назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва котиби масъули Созмони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон ба номи Исмоили Сомонӣ, аз 13. 06 то 24. 07. 2017 мудири шуъбаи ташкилию омавии Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ»-и назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз 25 июли соли 2017 то ҳол дар мансаби сардори шуъбаи таъминоти кадрҳои Сарраёсати маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе фаъолият дорад.

Роҳбари илмӣ – Олимӣ Хосият Ҳоким, номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 26 майи соли 2016, бо қарори №10/4-1 тасдиқ шудааст.

Ҳамчунин, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи ва журналистикаи Донишгоҳи

байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода баррасӣ гардидааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Тасвири мавзеъҳои гуногун, аҳволи табақоти иҷтимоӣ, вазъи сиёсӣ ва дигар масъалаҳои умдатарини ҷомеа, ки бешубҳа, боровар аз табиату воқеияти тамаддуну фарҳангҳои миллӣ мебошанд, дар сафарномаҳо муфассал ифода ёфтаанд. Сафарномаҳо асосан ҳикояҳои кутоҳи ёддоштиро роҷеъ ба дидаю шунидаи адибе, ки ба ягон ҷойи муайян сафар намудааст, дар бар гирифта, мушоҳидаҳои беназирро маҷмуан фаро мегирад ва хонандаро бо вижагиҳои фарҳангӣ, намоди меъморӣ, расму оин ва ҳунарҳои хоси мардуми мухталифи дунё ошно месозад. Ба ибораи дигар, сайру саёҳат ва нигориши сафарнома аз аҳди бостон вуҷуд дошта, то кунун идома ёфтааст ва бешак, ин тарзи нигориш ҳатто дар осори донишмандони бузург низ вомехӯранд.

Дар миёни тамоми сафарномаҳои форсӣ “Сафарнома”-и Носири Хусрав ҷойгоҳи вижа ва беназир дорад. Абумуъин Носир бинни Хусрав бинни Ҳориси Қабодиёни Балхӣ, ки аз шоирони бузург бо номи Носири Хусрав маъруф аст, дар вилояти Балх ба дунё омадааст. Ӯ аксари илмҳои замони худ, аз ҷумла, фалсафа, арифметика, тиб, мусиқӣ, нуҷумшиносӣ ва илоҳиётро аз худ кардааст. Новобаста аз арзишҳои адабӣ ва забонии ин асар ба унвони як сарчашмаи муҳим барои омӯзиши таърихи иҷтимоӣ ва фарҳангии сарзаминҳое, ки дар сафари муаллиф қарор доштанд, истифода кард. То кунун дар бораи муҳтавои ин “Сафарнома” ва ҷиҳатҳои мухталифи донише, ки аз он ба даст омадааст, мақолаҳои зиёде навишта шудаанд.

Дар диссертатсия масъалаҳои матншиносӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни “Сафарнома” дар адвори сабки насрӣ ва дигар паҳлуҳои таҳқиқоти адабиётшиносӣ мавриди баҳс қарор гирифтааст. Ин таҳқиқ дар омӯзиши масъалаҳои марбут ба назарияи адабиёт, матншиносӣ, сарчашмашиносӣ ва таърихи адабиёт метавонад ҳамчун манбаъ истифода гардад. Рисоларо дар таълифу тадвини китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ, дастурҳои методӣ ва рисолаи илмӣ истифода намудан мумкин аст. Таҳқиқоти мазкур дар мушаххас намудани хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни “Сафарнома”-и Носири Хусрав мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, таҳқиқ, таҳлил ва баррасии ин масъалаҳо ҷиҳати муайян намудани хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни “Сафарнома”-и Носири Хусрав актуалӣ аст ва таҳқиқи мавзуи мазкур имкон медиҳад, ки паҳлуҳои илмии хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни “Сафарнома”-и Носири Хусрав мушаххас гарданд. Новобаста аз ғановати бадеӣ ва илмии осори Носири Хусрав, то ҳол матни интиқодии “Сафарнома” ба таври комил омӯхта ва пажуҳиш нашудааст ва ҳамин паҳлуи муҳим ҳамчун асоси актуалии таҳқиқ дар диссертатсия нишон дода шудааст. Ҳадафи асосии таҳқиқи мазкур муайян кардани матни асосии интиқодии “Сафарнома”-и Носири Хусрав, вижагиҳои услубию бадеии “Сафарнома” ва нақши ноқил дар ин асари мондагор мебошад.

Барои расидан ба мақсади хеш ва ҳалли пурраи мавзуъ диссертант ба таҳқиқу баррасӣ ва ҳаллу фасли вазифаҳои мушаххаси зер кӯшиш намудааст:

-ташхиси нусхаҳои мухталифи дастнавис ва нашрҳои литографӣ;

- таҳқиқи тафовут дар байни ҳамаи асарҳои фалсафии мутафаккир бо “Сафарнома”, ки бештар хусусиятҳои дунявӣ ва миллӣ дорад;

- муайян намудани сабки нигориш ва мутафовит будани он аз дигар асарҳои Носири Хусрав;

-таҳлили ҳунари чеҳранигорӣ ва бадеият дар асар;

- мушаххас намудани нақши ноқил дар “Сафарнома”;

Диссертатсия дар асоси методҳои муқоисавию таърихӣ, матншиносӣ, қиёсию татбиқӣ ва оморӣ навишта шудааст.

Дар ҷараёни пажуҳиш асосҳои назариявии диссертатсия ба асарҳои таҳқиқотии донишмандони ватанию хориҷӣ, амсоли Э. Е. Бертелс, Д.С.Лихачёв, Н. И. Конрад, И. С. Брагинский, В. М. Жирмунский, С. Табаров, А. Кучарзода, А. Ҳакимов, А. Абдусатторов, А. Қазва, М. Раҷабӣ, М. Имомзода, У. Сафаров ва дигарон бунёд ёфтааст.

Навгонии илмии диссертатсия дар чунин нукоте таҷассум ёфтаанд, ки дар диссертатсия масъалаҳои хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни “Сафарнома” дар адвори сабки насрӣ ва дигар паҳлуҳои таҳқиқоти адабиётшиносӣ мавриди баҳс қарор гирифтааст. Ҳамзамон, масъалаҳои муайян намудани сабки нигориш ва мутафовит будани он аз дигар асарҳои Носири Хусрав, таҳлили ҳунари чеҳранигорӣ ва бадеият дар асар, мушаххас намудани мавқеи санъатҳои бадеӣ дар “Сафарнома” ва муайян намудани нақши ноқил дар асар баррасӣ гардидаанд.

Предмети таҳқиқи диссертатсия баррасии ҷиҳатҳои таҳририю муқоисавии хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни “Сафарнома”-и Носири Хусрав мебошад.

Муаллиф дар раванди таълифи диссертатсия ҳангоми баррасии масъалаҳои назарӣ бо истифода аз машварати роҳбари илмӣ ба таври мустақилона масъалаҳои дар пешгузоштаро ҳал намудааст. Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки дар он хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни “Сафарнома” дар алоқамандӣ бо таҳқиқи сабки насрӣ ва дигар паҳлуҳои таҳқиқоти адабиётшиносӣ мавриди баҳс қарор гирифта, он дар омӯзиши масъалаҳои марбут бо назарияи адабиёт, матншиносӣ, сарчашмашиносӣ ва таърихи адабиёт метавонад ҳамчун манбаъ истифода гардад. Диссертатсияро дар таълифу тадвини китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ, дастурҳои методӣ ва рисолаҳои илмӣ истифода намудан мумкин аст. Таҳқиқоти мазкур дар мушаххас намудани хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни “Сафарнома”-и Носири Хусрав мусоидати амиқ месозад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, феҳристи адабиёт ва замима таркиб ёфтааст, ки бобу зербоҳои он аз нигоҳи илмӣ ва методологӣ мазмун ва мундариҷаи мавзуъро инъикос мекунад.

Боби аввали диссертатсия “Хусусиятҳои жанрӣ ва таҳриру таҳриф дар матни “Сафарнома”-и Носири Хусрав” унвон дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар он масъалаҳои жанри асар, нусхаҳои дастнавис, нашрҳои литографӣ ва

таҳриру таҳриф дар матни “Сафарнома”-и Носири Хусрав, инчунин, нусхаҳои чопи оммавии асар мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия “Сохтор, бандубаст ва муҳтавои “Сафарнома”-и Носири Хусрав” ном гирифта, аз ду зербоб таркиб ёфтааст. Масъалаҳои баррасишавандаи боби мазкур мавзуъ ва мундариҷа, инчунин, воқеияти бадеӣ дар асар мебошад.

Боби сеюми диссертатсия “Хусусиятҳои бадеии “Сафарнома” унвон гирифта, аз се зербоб иборат аст. Дар ин зербоб нақши муаллиф дар асар, истифодаи санъатҳои бадеӣ ва тасвири чеҳраҳои фарҳангӣ дар “Сафарнома” мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ҳамчунин, **арзиш, аҳамият ва вижагиҳои мубрами** хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни “Сафарнома”-ро муҳаққиқ дар рисола ва мақолаҳои илмии худ нашр намудааст.

Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯй аст. Автореферат ва мақолаи чопшудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқшуда 7 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

**I. Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Самиев, Ҷ. С. Фазои иҷтимоӣ дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав [Матн] / Ҷ. С. Самиев // Паёми Донишкадаи забонҳо. Бахши илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2020. – №4 (40). – С. 113-117.

[2-М]. Самиев, Ҷ. С. Тасвири бадеии номҳои шаҳрҳо дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав [Матн] / Ҷ. С. Самиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – №5 (88). – С. 122-125.

[3-М]. Самиев, Ҷ. С. Жанри Сафарнома: бадеият ва публисистика [Матн] / Ҷ. С. Самиев // Паёми Донишкадаи забонҳо. Бахши илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2022. – №1 (45). – С. 111-117.

[4-М]. Самиев, Ҷ. С. Тасвири чеҳраҳои фарҳангӣ ва адабӣ дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав [Матн] / Ҷ. С. Самиев // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2022. – №2 (71). – С. 94-98.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашриёҳои дигари илмӣ:**

[5-М] Олимӣ, Х.Ҳ., Самиев, Ҷ. С. Истифодаи санъатҳои бадеӣ дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав [Матн] / Х.Ҳ., Олимӣ, Ҷ. С. Самиев // Масъалаҳои мубрами филология, ҷомеашиносӣ ва фанҳои табиӣ-риёзӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, 13.04.2021 – 21.04.2021). – Душанбе, 2021. – С. 112-115.

[6-М] Самиев, Ҷ. Воқеият дар жанри “Сафарнома” / Ҷ. Самиев // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантон, магистрантон ва донишҷӯёни Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҳти унвони «Таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илмҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот» ба

ифтихори Рӯзи илми тоҷик (11.04.2022-16.04.2022). – Душанбе, 2022. – С. 101-103.

[7–М]. Самиев, Ҷ. Чарлз Шеффер матншиноси “Сафарнома”-и Носири Хусрав / Ҷ. Самиев // Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони: “Филологияи Шарқ: пажуҳиши забоншиносӣ, равобити адабӣ ва тарҷумашиносӣ” (08.12.2023). – Душанбе, 2023. – С. 384-387.

Кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродовичро дар мавзуи “Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва накди матни “Сафарнома”-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ” кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад ва ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ тавсия мешавад.

Дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология пешниҳод гардид, ки бо дар назардошти муҳтаво ва мундариҷаи кор унвони дисертатсия аз “Масъалаи матншиносӣ ва поэтикаи “Сафарнома”-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ” ба “Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва накди матни “Сафарнома”-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ” иваз карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода бо қарори № 6, аз 25 январи соли 2024 қабул гардид.

Иштирок дошт: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 18 нафар, “зид” – нест, “бетараф”– нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи назария ва
таърихи адабиёти ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода — Шамсов Н. С.

Котиби илмӣ, н.и.ф.,
дотсенти кафедра — Боев Ш. Э.

Имзоҳои н.и.ф., дотсентони кафедра
Н.С. Шамсов ва Ш. Э. Боев-ро
тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода — Юсупова Б. Ғ.
«25»-уми январи соли 2024

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС